# Чигӯна бар қуллаи саодат хона бисозем?

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]

Таҳияи: Назифаи Мӯсо

2012 - 1434

IslamHouse.com

# كيف نبني بيتا على قمة السعادة

«باللغة الطاجيكية»

إعداد: نظيفة موسى

2012 - 1434

IslamHouse.com

## Чигӯна бар қуллаи саодат хона бисозем?

Ҳамаи инсонҳо ба навъе дар пайи хушбахтӣ ҳастанд ва аз бадбахтӣ гурезонанд. Аммо ҳар кас бо дидгоҳ ва ақидаи худ ба хушбахтӣ нигоҳ мекунад ва барои бадбахтӣ, таърифи хоссе дорад. Бешак, агар қарор бошад, ки бар қуллаи ҳақиқии саодат, сохтмони зебо ва дилангезе бисозем ва худро сокини он кунем, бояд ба суроғи касе биравем, ки таърифи ҳақиқи ва ҳамаҷониба аз хушбахтӣ дошта бошад.

Ба ҳамин далел аст, ки мо барои сохти чунин биное худро дар оғӯши бози дин меандозем ва аз офаридгори инсон, макони воқеъӣ қуллаи хушбахтиро ҷӯё хоҳем шуд.

Дар фарҳанги динии мо, қуллаи саодат танҳо як маҳалли истиқрори муваққатӣ нест, то бо заҳмати фаровон худро ҳамонанди кӯҳнавардон ба онҳо бирасонем ва пас аз истироҳати чанд соата ба ватани аслии худ баргардем. Балки қарор аст, пас аз боло рафтан аз баландиҳои он хонаи мустаҳкам бар фарози он бисозем ва пас аз ватан гузидан, солҳои сол дар онҳо зиндагӣ кунем.

Бинобарин, нигоҳи мо ба қуллаи саодат як маҳалли доимӣ барои зиндагии ҳамешагӣ аст, на як маҳалли истиқрори муваққатӣ барои як зиндагии зӯдгузар ва

тамомшуданӣ. Ба ҳамин хотир аст, ки мо ҷудоӣ ба боло рафтан аз ин қуллаи хӯшманзарро фикр мекунем, барои сохти хонаи мустаҳкам ва зебоӣ зиндагии абадии худ, низ хоҳем андешид.

Сохти ҳар хонаи ниёзманд, се унсури асосӣ ё се марҳалаи муҳим дорад. Аввал таҳкурсӣ, дуввум сифати корӣ ва савум дақиқ корӣ, ки мо дар сохти хонаи хушбахтӣ низ бояд ҳар се ин марҳилаҳоро тай кунем.

<u>Марҳилаи аввал: Таҳкурсӣ</u>

Таҳкурсии ҳар сохтмоне муҳимтарин қисмати он бино аст, чаро ки қарор аст вазни як бинои зеборо таҳаммул кунад ва устувории онро замонат намояд. Эътиқодоти ҳар касе ҳам пояҳои сохтмони саодати ӯро ташкил медиҳад. Бинобарин, барои бино ниҳодани хонаи саодат, пеш аз ҳар чизе бояд ба эътиқодоти худ бингарем ва муроқибати бевосита аз он дошта бошем.

Барои таҳкурсии ҳар сохтмоне лозим аст, ки ақаллан ба ду нуктаи асосӣ таваҷҷуҳ шавад. Нахуст инки замине, ки қарор аст бори сангини чунин сохтмонеро таҳаммул кунад, арзиши қобилият ва тавони кофиро доро бошад. Дуввум, масолеҳи ба кор рафта дар он

бо вазн ва ҳаҷми сохтмон, таносуби лозимро дошта бошад.

Дар хонаи саодат ҳам бояд тавaҷҷуҳи хосса ба ин ду нукта дошт. Нахуст, инки мо aқоиди худро дар кадом идеалогия бино мекунем ва ба истилоҳи мардум «бар рӯи девори чӣ касе ёдгорӣ менависем».

Агар, пояи тафаккуроти худро дар нигаришҳои модигароёна ва ё инҳирофӣ ва кӯтаҳназарона бино ниҳем, пас аз чанде худро дар ботлоқи нобудӣ хоҳем дид ва ба нестӣ хоҳем расид. Бинобарин, пеш аз ҳар чизе бояд ба фикри як андешаи мустаҳкам ва як идеалогияи муътабар буд.

Нуктаи дуввум, агар танҳо ба истеҳкоми макони эътиқодотамон дил хӯш кунем ва ба фикри ба коргирии масолеҳи муносиб барои таҳкурсии эътиқодотамон набошем, мумкин аст ба вартаи нобудӣ дучор шавем.

Мутаассифона, бисёре аз мардум гумон мекунанд ҳамин, ки дар замини мустаҳками дини Ислом ҷо гирифтанд ва мусалмон шуданд, кор тамом шудааст ва ниёзе ба истеҳком бахшидан ба эътиқодоташон нест. Чунин афроде гоҳ бо шунидани як шубҳаи бисёр сода тамоми сохтмони динӣ худро вайрон ва

ҳама онҷиро, ки бар ин ақоиди заъиф бино карда буданд, нобудшуда мебинанд.

Бинобарин, ҳамаи мо вазифадорем, ки бо омӯхтани «дониши эътиқодот», пояҳои мустаҳкам барои хонаи хушбахтии худ бисозем ва онро дар баробари зилзилаҳои шубаҳот ва суномиҳои гумроҳӣ замонат кунем.

<u>Марҳилаи дуввум: Сутунҳо, деворкашӣ ва мустаҳкамкорӣ</u>

Пас, аз пояресзии эътиқодот, навбат ба сохти сутунҳои сохтмон аст, ки бо анҷоми дастуроти саодатмеҳварӣ сурат хоҳад пазируфт. Боядҳо ва набоядҳое, ки дин дар ихтиёри мо қарор дода, ҳамонанди деворҳо ва сақфи сохтмон, моро аз нобасомониҳо наҷот медиҳад.

Саодат, ҳад ва марзе дорад, ки аҳкоми илоҳӣ баёнгари ин маҳдуда аст. Ҳамаи мо бо амал ба ин аҳком ва дастуроти динӣ дар воқеъ, мустаҳкамии дару девор ва сақфи хонаи хушбахтии худро месозем ва саъӣ мекунем, ки по аз ин маҳдуда фаротар нагузорем ва худро ба вартаи ҳалокат ва гумроҳӣ накашонем. Аммо бояд таваҷҷуҳ дошт, ки сохтмоне мондагор аст, ки деворҳо ва сутунҳои мустаҳкам ва

устувор дошта бошад. Бинобарин, хушбахтии мо ҳангоме тазмин шуда аст, ки амали мо ба аҳкоми илоҳӣ чунон доимӣ ва ҳамешагӣ бошад, ки мустаҳкамии динӣ бароямон бисозад ва маҳдудаи ғайриқобил, нуфӯз ба по кунад.

Хонаи саодат сутунҳои фаровоне дорад, ки  аз он ба «фурӯзи дин» ё «воҷиботи динӣ» таъбир мешавад. Ин сутунҳои даҳгона иборатанд аз: «калимаи шаҳодат», «намоз», «рӯза», «ҳаҷ» «ҷиҳод», «закот», «амр ба маъруф», «наҳӣ аз мункар», «дӯст доштани дӯстони Худо» ва «душман доштани душманони Ӯ».

Марҳилаи савум: Ороиши хона ва дақиқкорӣ

Шояд, ҳеҷ кас ҳозир набошад ба хонае, ки ҳанӯз гаҷкорӣ нашуда кӯч бибандад ва дар хонае, ки ҳанӯз дару панҷара ва зинатҳои мухталиф насб нашудааст, зиндагӣ кунад. Ҳар чанд чунин хонаи бисёр мустаҳкам бошад ва бо нақшаи коромад ва дақиқ сохта шуда бошад, аммо то ба марҳилаи дақиққорӣ ва ороишӣ нарасад, ҷилваи воқеъӣ худро нахоҳад ёфт.

Зебоиҳои ахлоқӣ, тамоми ҷилваи сохтмони саодатро шакл медиҳад ва аз он як бинои зебо ва дилангез месозад. Ростгӯйи, амонат, бародарӣ, самимият,

ҳамдилӣ, ёрирасонӣ, хушрафторӣ, ва меҳрубонии намунае аз ахлоқҳои писандидае аст, ки ба зиндагии инсонӣ ҷон медиҳад ва намоӣ рӯҳонӣ ба он мебахшад.

Бо инки қисмати фаровоне аз омӯзаҳои динии мо дар заминаи масоили ахлоқӣ аст, аммо мутаассифона дар миёни мусалмонон низ таваҷҷуҳи хосе ба он намешавад ва омӯзаҳои ахлоқӣ дар ғурбати аҷибе ба сар мебарад.

Бинобарин, барои расидан ба хушбахтӣ он ҳам на аз навъи муваққатии он, балки хушбахтии доимӣ ва ҳамешагӣ бояд ин се марҳилаи пураҳамиятро паймуд ва бар тани ҳар яки аз онҳо рахти амал пӯшонид. Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ҳар як аз ин марҳилаи сегона барои худ олиме дорад ва дунёи аз суханро металабад.